«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
_________________ Мӯминзода Ш.А.
«____» ______________ соли 2026

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Шодизода Наҷибулло Маҳмадризо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ: таҳқиқоти умуминазариявӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ва ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи Шодизода Наҷибулло Маҳмадризо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ: таҳқиқоти умуминазариявӣ» пажуҳиши илмии мукаммал ва анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф дар сатҳи баланди илмӣ таҳия карда шудааст ва мавзуи мазкур масъалаи мубрами илми назарияи давлат ва ҳуқуқро ташкил менамояд.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсияи Шодизода Наҷибулло Маҳмадризо ба шиносномаи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, мутобиқат менамояд.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, яке аз масъалаҳои мубрам ва баҳсноки фазои илми назарияи давлат ва ҳуқуқро ташкил медиҳад, ки барои фазои илми ҳуқуқшиносии ҷумҳурӣ таҳқиқоти нав маҳсуб ёбад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дорои аҳаммияти назарраси илмӣ ва амалӣ мебошад. Мубрам будани мавзуи таҳқиқот, пеш аз ҳама аз мавқеи марказии ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун як намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар низоми ҳуқуқии давлат ва нақши он дар таъмини қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон бармеояд. Ҷавобгарии ҷиноятӣ яке аз муҳимтарин ва сахттарин намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, татбиқи он ҳамеша бо маҳдудсозии ҷиддии ҳуқуқу озодиҳои шахс алоқаманд мебошад. Аз ин рӯ, таҳқиқи амиқи асосҳои назариявӣ, моҳият, нишонаҳо, принсипҳо ва механизми татбиқи он дорои аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ мебошад.

Дар шароити муосир рушди босуръати муносибатҳои ҷамъиятӣ, пайдоиши шаклҳои нави рафтори зиддиҳуқуқӣ ва мураккаб гардидани сохтори ҷинояткорӣ ба низоми ҳуқуқӣ таъсири ҷиддӣ мерасонанд. Хусусан густариши кирдорҳои ҷиноятии муташаккил, коррупсия, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар шаклҳои муосири кирдорҳои хавфноки ҷамъиятӣ нишон медиҳанд, ки механизмҳои анъанавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба такмили пайваста ниёз доранд. Ин ҳолат зарурати таҳқиқи илмии амиқ ва бознигарии баъзе ҷанбаҳои консептуалии ҷавобгарии ҷиноятиро ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба миён меорад.

Яке аз ҷанбаҳои муҳимми мубрамияти мавзуъ дар он аст, ки дар илми назарияи давлат ва ҳуқуқ то имрӯз якдилии пурраи назариявӣ оид ба моҳияти ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ, нишонаҳо ва сохтори он вуҷуд надорад. Дар адабиёти илмӣ ин падида гоҳ ҳамчун муносибати ҳуқуқӣ, гоҳ ҳамчун шакли маҷбуркунии давлатӣ ва гоҳ ҳамчун оқибати ҳуқуқии содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ дар шакли ҷиноят шарҳ дода мешавад. Чунин гуногуншаклии назарияҳо ба зарурати таҳияи як консепсияи мукаммал ва низомноки ҷавобгарии ҷиноятӣ ишора мекунад.

Илова бар ин, масъалаи таносуби ҷавобгарии ҷиноятӣ бо дигар намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ – маъмурӣ, интизомӣ ва маданӣ-ҳуқуқӣ (дар шароити кунунии рушди илми назарияи давлат ва ҳуқуқ, намудҳои нави ҷавобгариии ҳуқуқӣ – конститутсионӣ, экологӣ, молиявӣ ва дигар) низ яке аз масъалаҳои баҳсталаби илмӣ боқӣ мемонад. Номуайянии меъёрҳои фарқгузорӣ дар баъзе ҳолатҳо ба мушкилоти татбиқи якхелаи қонун ва ба ихтилоф дар амалияи судӣ оварда мерасонад. Аз ин рӯ, таҳлили муқоисавии амиқи ин институтҳо барои такмили назарияи умумии ҳуқуқ ва баланд бардоштани сифати ҳуқуқтатбиққунӣ аҳаммияти махсус дорад.

Мубрамии мавзуъ, бо зарурати мутобиқсозии қонунгузории миллӣ ба стандартҳои байналмилалӣ низ вобаста мебошад. Рушди ҳуқуқи байналмилалӣ ва афзоиши таъсири он ба низоми ҳуқуқии миллӣ талаб менамояд, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар асоси принсипҳои эътирофшудаи байналмилалӣ, аз ҷумла қонуният, инсондӯстӣ, адолат ва эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон такмил дода шавад. Ин раванд омӯзиши амиқи ҳамбастагии ҳуқуқи миллӣ ва байналмилалиро тақозо мекунад.

Ҳамзамон, дар шароити ислоҳоти ҳуқуқӣ ва такмили низоми қонунгузорӣ, масъалаи самаранокии ҷавобгарии ҳуқуқӣ, хосатан ҷавобгарии ҷиноятӣ аҳаммияти хоса пайдо мекунад. Самаранокии ин институт на танҳо ба сифати меъёрҳои ҳуқуқӣ, балки ба дурустии

татбиқи онҳо, сатҳи фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва устувории принсипҳои адолати судӣ вобаста мебошад. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи омилҳои ба самаранокии ҷавобгарии ҳуқуқӣ таъсиррасон яке аз самтҳои муҳимми илмӣ ба ҳисоб меравад.

Дар баробари ин, равандҳои ҷаҳонишавӣ ва рушди технологияҳои рақамӣ низ ба низоми ҳуқуқӣ, ҷавобгарӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва умуман механизмҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ таъсири назаррас мерасонанд. Пайдоиши кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ дар соҳаи киберӣ, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар содир намудани кирдорҳои хавфноки ҷамъиятии ҷиноятӣ ва фаромиллӣ гардидани бисёре аз ин амалҳо зарурати такмили воситаҳои ҳуқуқии муқовимат ба онҳоро ба миён меорад. Дар ин замина, ҷавобгарии ҷиноятӣ бояд ҳамчун механизми асосии динамикӣ ва қобили мутобиқшавӣ ба шароити нав таҳқиқ карда шавад.

Аз нигоҳи назариявӣ, мубрамии мавзуъ дар зарурати таҳкими асосҳои консептуалии ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ ифода меёбад. Мавҷудияти гуногунандешӣ дар шарҳи мафҳум, нишонаҳо ва сохтори он, инчунин номукаммалии таҳлили низомноки унсурҳои дохилии он нишон медиҳад, ки ин институт ҳанӯз ба таҳлили амиқи илмӣ-назариявӣ ниёз дорад. Танҳо дар асоси таҳқиқоти мукаммал метавон дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ консепсияи ягона ва устуворро ташаккул дод.

Ҳамин тавр, ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар шароити муосир ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ яке аз мавзуъҳои калидӣ ва мубрами илми ҳуқуқ ба ҳисоб меравад. Омӯзиши ҳамаҷонибаи он имкон медиҳад, ки самаранокии низоми ҳуқуқии миллӣ баланд бардошта шуда, механизмҳои муқовимат ба ҳуқуқвайронкунӣ, хосатан шакли хавфноктари он - ҷинояткорӣ такмил дода шаванд ва асосҳои илмии сиёсати ҳуқуқии давлат таҳким ёбанд.

**Асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Диссертатсия таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ-тахассусӣ буда, натиҷаи он барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла, назарияи давлат ва ҳуқуқ мусоидат менамояд. Ҷанбаҳои дигари мавзуи диссертатсия барои рушди илмҳои соҳавии дигари ҳуқуқшиносӣ аҳаммияти муҳим доранд. Таҳлили диссертатсия, дар воқеӣ будани дониши ҳосилшуда, мантиқӣ будани он, робитаи он бо асарҳои муҳаққиқони дигар, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот оид ба мавзуъ, инъикоси объективии муаммоҳои қонунгузории соҳавии самти таҳқиқ, таҳлили маводи илмию амалии соҳавӣ, усулҳои

гузарондани таҳқиқот, инчунин мутобиқати диссертатсия ба талаботи муқарраршуда ифода мегардад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои химоя пешниҳод мешаванд**. Ба ҳимоя нуктаҳои илмии зерин пешниҳод мегарданд, ки онҳо навгониҳои таҳқиқоти диссертатсиониро ифода менамоянд:

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки он аз ҷиҳати назариявӣ-ҳуқуқӣ нахустин таҳқиқоти маҷмуӣ ба ҳисоб меравад. Ҷавобгарии ҷиноятӣ на танҳо ҳамчун институти соҳавӣ, балки ҳамчун категорияи умуминазариявии илми ҳуқуқшиносӣ баррасӣ мегардад, ки бо ҳадафҳо ва воситаҳои сиёсати ҳуқуқии давлатӣ муқоиса карда мешавад. Чунин тарзи таҳлил, имкон медиҳад, ки хусусияти хоси ҷавобгарии ҷиноятӣ ба таври асоснок ошкор гардида, мақоми он ҳамчун намуди мустақили ҷавобгарии ҳуқуқӣ муайян карда шавад.

Дар раванди таҳқиқот таҳлили мукаммали умуминазариявии асарҳои илмии ки солҳои охир нашршуда, ки ба масъалаҳои мубрами ҷавобгарии ҳуқуқӣ, хосатан ҷавобгарии ҷиноятӣ, ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ бахшида шудаанд, гузаронида шуд. Ҳамзамон, хусусиятҳои назариявию амалии он дар шароити Тоҷикистон таҳлилу баррасӣ шудааст. Омилҳои асосии ба самаранокии татбиқи қонунгузории миллӣ дар самти ҷавобгарии ҳуқукӣ таъсиррасонанда таҳқиқ ва шарҳ дода шудаанд.

Навгониҳои аз ҷониби муаллиф пешниҳодгардида мафҳум, моҳият, хусусият, намуд, принсипҳо, асосҳои ҳуқуқӣ, такмили қонунгузорӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятиро ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ фаро гирифтааст. Пешниҳод ва хулосаҳои муаллифӣ ҷиҳати такмил додани ҷавобгарии ҷиноятӣ ва умуман ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ дар ин самт нигаронида шудаанд. Онҳо арзишмандиву мубрамияти таҳқиқоти анҷомдодашударо собит менамоянд.

Нуктаҳои илмии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод мегарданд, навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузошташударо инъикос менамоянд. Аввалан, дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ, омӯзиши мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар шароити инкишофи нуқтаҳои назари илмӣ-методологӣ ба роҳ монда шуда, мафҳум, моҳият ва хусусияти ҷавобгарии ҳуқуқӣ муайян карда шудаанд. Дар ин раванд аз ҷониби муаллиф функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавриди таҳқиқ карор гирифта, ҷанбаҳои алоҳида ва тарзҳои амалисозии онҳо муайян гардидаанд. Ҳамзамон, дар таҳқиқот намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба таври муфассал шарҳ дода шудаанд. Дар ин раванд диққати асосӣ ба муайян

кардан, муқоиса намудан ва ба тартиб даровардани андешаҳои гуногуни илмӣ оид ба фарқ ва шарҳи ин намудҳо равона гардидааст. Бо чунин тарзи таҳлил заминаи назариявӣ барои баррасии минбаъда ба вуҷуд меояд. Ин имконият медиҳад, ки ба ҷойи танҳо номбар кардани намудҳои ҷавобгарӣ, меъёрҳо ва асосҳои ҷудо намудани онҳо ба таври мазмунӣ ва фаҳмо шарҳ дода шаванд.

Марҳилаи минбаъдаи таҳқиқот ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун шакли махсуси ҷавобгарии ҳуқуқӣ бахшида шудааст. Дар доираи ин самт мафҳум ва моҳияти он пайдарпай баррасӣ гардида, аломатҳое, ки табиати ҳуқуқии онро муайян мекунанд, ошкор ва тавсиф гардидаанд. Ҳамчунин ҳудуди мафҳумии он дақиқ карда шуда, мазмуни дохилии ин категория, аз ҷумла хусусиятҳои фарққунандаи он нисбат ба дигар намудҳои ҷавобгарӣ, шарҳ дода шудаанд. Қисми алоҳидаи таҳқиқот ба таҳлили принсипҳои умумиҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ ва асоснок намудани нақши онҳо дар таъмини самаранокӣ ва татбиқи дурусти амалии ин институт бахшида шудааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки хулоса, пешниҳод ва тавсияҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷойдоштаро зимни пажӯҳишҳои минбаъдаи проблемаҳои назариявӣ ва амалии мавзуъҳои мубрами илмӣ, таҳқиқи қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таносуби онҳо, инчунин дар раванди фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, такмили минбаъдаи қонунгузории миллӣ истифода намудан мумкин аст.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки маводи диссертатсияро метавон дар раванди пешбурди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, фаъолияти таълимӣ ҳангоми дарсҳои лексионӣ ва амалӣ аз фанҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва курсҳои махсуси сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ғ. истифода бурд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот бошад, дар он ифода мегардад, ки хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодгардида дар такмили қонунгузории миллӣ нақши калон дошта, онҳо метавонанд бисёре аз холигиҳоро дар назарияи илми ҳуқуқшиносӣ, назарияи қонунэҷодкунӣ, қонунгузориии амалкунанда дар самти ҷавобгарии ҳуқуқӣ, сиёсати ҳуқуқӣ ва сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳамзамон амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ пурра намоянд.

**Дараҷаи эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта**. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таҳлили

воқеъбинона ва ҳаматарафаи таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ оид ба пахлуҳои мухталифи ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ, таҳлили натиҷаҳо ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, андешаҳо ва тавсияҳои назариявию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва роҳҳои такмили қонунгузории кишвар оид ба масъалаи мазкур асос меёбад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ**. Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмӣ бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуривӣ ва байналмилалӣ тасдиқ карда мешавад.

Саҳми шахсии муаллиф бо ширкати бевоситаи ӯ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, пешбарии ақидаҳо, мафҳумҳо, хулосаҳо ва нуқтаҳои илмӣ, интишороти ӯ исбот карда мешавад. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ бо сатҳи навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои асосии илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод карда шудаанд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар чорабиниҳои гуногуни илмӣ, аз ҷумла, конференсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ тасдиқ карда мешавад. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд. Саҳми шахсии муаллиф дар ҷодаи илм ба муқаррароти илмии диссертатсия ва натиҷаҳои илмӣ, ки дар бобҳо ва зербобҳо, инчунин хулосаи кор ифодаи худро ёфтаанд, асос меёбад. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз он ҷумла нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешкаш шудаанд, заминаи кофӣ ва боэътимоди назариявӣ ва методологӣ доранд. Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсияро корҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ, ки ба масъалаи мазкур бахшида шудаанд, таӣшкил медиҳанд. Заминаҳои амалии таҳқиқотро таҷрибаи ватанӣ ва мақомоти давлатии ваколатдор ташкил додааст. Асосҳои таҳқиқоти диссертатсиониро методологияи умуминазариявӣ ва махсуси ҳуқуқӣ ташкил додаанд. Довталаби дараҷаи илмӣ хулосаю пешниҳод ва тавсияҳои худро бо сарчашмаҳои дақиқи илмӣ, бо истинод овардан ба маводи илмӣ ва қонунгузорию корҳои амалӣ асоснок намудааст.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар 22 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 10 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Дар ин нашрияҳо натиҷаҳои калидӣ, хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои

пешниҳодкардаи унвонҷӯ ба таври мушаххас ва возеҳ баён ёфтаанд. Аз ҷумла:

**[1–М].** Шодизода, Н.М. Хусусияти хоси ҷазои ҷиноятӣ дар низоми ҷавобгарии ҳуқуқӣ [Матн] / Н.М. Шодизода // Қонунгузорӣ. – 2022. – № 3 (47). – С. 157-165. ISSN 2410-2903.

**[2–М].** Шодизода, Н.М. Мафҳум ва моҳияти ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ [Матн] / Н.М. Шодизода // Қонунгузорӣ. – 2021. – № 4 (44). – С. 137-140. ISSN 2410-2903.

**[3–М].** Шодизода, Н.М., Азиззода, У.А. Принсипҳои умумӣ-ҳуқуқии ҷазои ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ [Матн] / Н.М. Шодизода, У.А. Азиззода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2022. – №1 (37). – С. 22-34. ISSN 2307-5198.

**[4–М].** Шодизода, Н.М., Азиззода, У.А. Мафҳум, моҳият ва хусусияти ҷазои ҷиноятӣ ҳамчун ҷавобгарии ҳуқуқӣ [Матн] / Н.М. Шодизода, У.А. Азиззода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – № 1 (25). – С. 160-169. ISSN 2414-9217.

**[5–М].** Шодизода, Н.М., Азиззода, У.А. Хавфи ҷамъиятии ҷиноят: таҳқиқоти умумӣ-назариявӣ [Матн] / Н.М. Шодизода, У.А. Азиззода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – № 4 (28). – С. 27-37. ISSN 2414-9217.

**[6–М].** Шодизода, Н.М. Мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар шароити инкишофи нуктаҳои нави назари илмӣ-методологӣ [Матн] / Н.М. Шодизода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. – № 2 (30). – С. 69-85. ISSN 2414-9217.

**[7–М].** Шодизода, Н.М. Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ [Матн] / Н.М. Шодизода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – № 7. – С. 249-254. ISSN 2413-5151.

**[8–М].** Шодизода, Н.М., Зокирзода, З.Х. Проблемаҳои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ [Матн] / Н.М. Шодизода, З.Х. Зокирзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ – 2023. – №11. – С. 232-239. ISSN 2413-5151.

**[9–М].** Шодизода, Н.М. Такмили ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар партави сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н.М. Шодизода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2024. – № 4 (30). – С. 128-142. ISSN 2414-9217.

**[10–М].** Шодизода, Н.М., Азиззода, У.А. Мафҳум ва махсусиятҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ [Матн] / Н.М. Шодизода, У.А. Азиззода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2025. – № 4. – С. 25-38. ISSN 2414-9217.

Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30- июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия**. Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 217 саҳифаро ташкил медиҳад.

**Дар муқаддимаи** диссертатсия аҳаммияти илмӣ ва амалии мавзуи интихобшуда дар пайдарпайии мантиқӣ шарҳ дода мешавад: мубрамии он асоснок гардида, дараҷаи коркарди мавзуъ дар илми ҳуқуқшиносӣ арзёбӣ мегардад, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот муайян карда мешаванд, заминаи методологӣ мушаххас мегардад, унсурҳои навгонии илмӣ ҷудо карда шуда, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда баён мешаванд.

Боби якуми диссертатсия **«Мафҳум ва намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ»** ба ошкор намудани ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар шароити рушди равишҳои муосири илмӣ-методологӣ равона шудааст. Дар мазмуни он масъалаҳои бунёдии назарияи ҷавобгарӣ пайдарпай мавриди баррасӣ қарор мегиранд: фаҳмиши ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ дақиқ карда мешавад, функсияҳои он таҳлил мегарданд, инчунин бо дарназардошти баҳсталаб будани нуқтаҳои назари дар адабиёти илмӣ пешниҳодшуда, намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ тавсиф дода мешаванд. Бо ҳамин тарз, боби мазкур заминаи назариявиро ташаккул медиҳад, ки барои таҳқиқоти минбаъдаи зуҳуроти соҳавии ҷавобгарӣ зарур мебошад.

Зербоби якуми боби якум ба масъалаи **«Мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар шароити инкишофи нуқтаҳои назарии илмӣ-методологӣ»** бахшида шуда, дар ин бахш муаллифи таҳқиқот иброз доштааст, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз падидаҳои муҳимми илми назарияи давлат ва ҳуқуқ буда, дар ҳама давру замон мубрамияти худро нигоҳ доштааст. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ мафҳуми васеъ буда, вобаста ба намудҳои алоҳида, мафҳуму мазмуни дигарро касб менамояд. Аз ин ҷост, ки то кунун дар илмҳои ҳуқукшиносӣ мафҳуми умумиэътирофшудаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҷой надорад. Таҳқиқот низ нишон медиҳад, ки дар илмҳои ҳуқуқшиносӣ то кунун таърифи умумии ҷавобгарии ҳуқуқӣ пешниҳод нашудааст, ки фарогирандаи

тамоми ҷанбаҳо, хусусият ва намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бошад (саҳ 44 дисс.).

Зербоби дуюми боби якум **«Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ»** ном гирифта, муаллиф зимни таҳқиқот ишора мекунад, ки Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ самтҳои асосии таъсиргузории ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба раванди муносибатҳои ҷамъиятӣ, рафтор, маърифат ва фарҳанги ҳуқуқии шахсро ташкил медиҳанд ва тавассути ин категорияҳо моҳият, таъинот ва мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ инъикос меёбанд. Бояд гуфт, ки мавзуи мавриди назар дар адабиёти ҳуқуқии дахлдор тавассути олимони ҷудогона ба таври мухталиф баррасиву арзёбӣ мегардад. Ва ин дар навбати худ боиси ба миён омадани дарку фаҳмишҳои мухталиф нисбат ба ниҳоди ҷавобгарии ҳуқуқӣ мегардад (саҳ 45 дисс.).

Зербоби сеюми боби якум **«Намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ: нуктаҳои назари мубоҳисавӣ»** ном гирифта, муаллиф зимни таҳқиқот ишора мекунад, ки дар баробари андешаҳо оид ба намудҳои нав арзи вуҷуд намудаи ҷавобгарӣ, атрофи намудҳои маъмули ҷавобгарии ҳуқуқӣ низ гуногунандешӣ ҷой дорад. Ҷавобгарии ҷиноятӣ, маданӣ, меҳнатӣ, конститутсионӣ, молиявӣ, экологӣ, маъмурӣ ин намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқиеанд, ки дар илм мавҷудият ва моҳияту хусусиятҳои онҳо то андозае таҳқиқ гардидаанд. Вале ин маънои онро надорад, ки дигар проблемаҳои мавзуи баҳс атрофи онҳо мавҷуд нест (саҳ 64 дисс.).

Боби дуюми диссертатсия ба масъалаи **«Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ»** ба ошкор намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ дар ченаки умуминазариявӣ равона гардидааст. Дар доираи он масъалаҳои муайян намудани мафҳуми ҷавобгарии ҷиноятӣ, ошкор сохтани моҳият ва аломатҳои хоси он ҳамчун яке аз намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, инчунин принсипҳои умумии ҳуқуқӣ таҳлил мешаванд, ки мазмуни ҷавобгарии ҷиноятиро муайян намуда, самтҳои танзими меъёрӣ ва татбиқи амалии онро муқаррар месозанд.

Зербоби якуми боби дуюм **«Мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ»** ном гирифта, муаллиф зимни таҳқиқот ишора мекунад, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз мавзуъҳои бунёдӣ ва хеле муҳимми илми ҳуқуқшиносӣ ба ҳисоб меравад. Таҳқиқу омӯзиши институти давлатии ҳуқуқӣ дар баробари категорияҳои тартиботи ҳуқуқӣ ва ҳуқуқвайронкунӣ омӯхта мешаванд. Ҳамзамон, зерсохторҳои институти «ҳуқуквайронкунӣ» ва «ҷавобгарии ҳуқуқӣ», ки дар илми ҳуқуқшиносӣ аллакай ҳамчун институтҳои алоҳидаи ҳуқуқӣ ташаккул ёфтаанд, ин

категорияҳои «ҷиноят», «ҷавобгарии ҷиноятӣ» ва «ҷазо» мебошанд (саҳ. 108 дисс.).

Зербоби дуюми боби дуюм **«Принсипҳои умумӣ-ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ»** ном гирифта, ба таҳқиқи принсипҳое бахшида шудааст, ки пояҳои ин институтро ташаккул дода, ҳудудҳои сохтори меъёрӣ ва татбиқи амалии онро муайян менамоянд. Институти ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар илми назарияи давлат ва ҳуқуқ, яке аз ҷойҳои муҳимро ишғол менамояд, зеро низоми муносибатҳо дар ҷомеа ва давлат, дар занҷираи умумии ҳуқуқӣ ҳалқаи муҳим арзёбӣ мегардад. Татбиқ ва амалисозии принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар ҷараёни фаъолиятҳои ҳуқуқтатбиқкунӣ яке аз шартҳои зарурии таъмини ҳуқуқу озодиҳои шахс ва шаҳрванд, дуруст ва самаранок ба амал баровардани адолати судӣ, татбиқи қонуният ва таъмини тартиботи ҳуқуқӣ ва умуман дуруст ва ҳаматарафа таъмин намудани адолати иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Маҳз татбиқи дурусти принсипҳои ҳуқуқӣ, ки қисмате аз онҳоро принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ташкил менамоянд, асосу заминаи эъмори давлати ҳуқуқбунёдро фароҳам меоварад (саҳ. 103 дисс.).

Боби сеюми диссертатсия ба масъалаи **«Такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ»** бахшида шуда, дар он масъалаҳои такмили ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар партави сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, проблемаҳои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқот қарор гирифтаанд.

Зербоби якуми боби сеюм **«Такмили ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар партави сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном гирифта, муаллиф зимни таҳқиқот ишора мекунад, ки̇ сиёсати ҳуқуқӣ бо назардошти оне, ки таҳқиқи умуминазариявиро дар асоси усулҳои методологии таҳлили давлат, ҳокимият, сиёсат, ҳуқуқро талаб карда, таҳлили шакли амалишавии он ба таҳқиқоти ҳуқуқэҷодкунӣ, татбиқи ҳуқуқ, тарбияи ҳуқуқӣ вобаста аст, категорияи назарияи давлат ва ҳуқуқ дониста мешавад. Мафҳум, тарзу воситаҳо, усулҳо ва режими танзими ҳуқуқӣ дар он истифода мегардад. Он бо шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, маърифати ҳуқуқӣ алоқамандии зич дорад. Сиёсати ҳуқуқӣ мақсади муайян намудани дурнамои рушди низоми давлатию ҳуқуқиро доро мебошад ( саҳ. 134 дисс.).

Зербоби дуюми боби сеюм **«Проблемаҳои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ»** ном гирифта, муаллиф зимни таҳқиқот ишора мекунад, ки масъалаи такмил додани қонунгузории ҷумҳурӣ дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ аз самаранокии сиёсати ҳуқуқии

ҷиноятӣ вобаста мебошад. Бинобар ин, такмил додани қонунгузории ҷиноятӣ баҳри боз ҳам дар сатҳи беҳтар танзим намудани муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба ҷиноят ва ҷазо равона гардида, яке аз вазифаҳои муҳимми ҳар як давлати соҳибистиқлол мебошад. Дар давлати ҳуқуқбунёд бо рушди муносибатҳои иҷтимоӣ зарурати такмили қонунгузорӣ ба миён меояд, ки татбиқи ин вазифа соҳаи ҳуқуқи ҷиноятиро низ фаро мегирад ( саҳ. 154 дисс.).

Дар анҷоми таҳқиқоти худ, муаллиф пешниҳодҳои мушаххасро оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ манзур намудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Шодизода Наҷибулло Маҳмадризо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ: таҳқиқоти умуминазариявӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ба талаботи қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 30 сентябри соли 2021, №7 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии Шодизода Наҷибулло Маҳмадризо ба ихтисоси илмии дархостшаванда 5.5.1 Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мувофиқат мекунад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона, диссертатсияи мазкур аз камбудиҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд, холӣ нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертасияро коста намегардонад. Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи диссертант арзёбӣ мегарданд:

1. Дар саҳифаи 189 диссертатсия масъалаи такмили консепсияи умуминазариявии асосҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, дар маҷмуъ, дуруст ва аз нигоҳи илмӣ мубрам гузошта шудааст. Бо вуҷуди ин, асосноккунии назариявии зарурати чунин такмил дар сатҳи зарурии амиқӣ ва низомнокӣ инъикос нагардидааст. Аз ҷумла, муаллиф ба таври кофӣ нишон надодааст, ки кадом маҳдудиятҳо ва камбудиҳои дохилии консепсияи мавҷуда боиси зарурати бознигарии он гардидаанд ва ин камбудиҳо дар кадом самтҳои назариявӣ бештар зоҳир мешаванд.

Ҳамчунин, дар пешниҳод унсурҳо ва ҷузъиёти мушаххасе, ки бояд дар доираи такмили консепсия мавриди тағйир ё илова қарор гиранд, ба таври возеҳ ва муфассал муайян нагардидаанд. Яъне, робитаи байни сатҳи умумии назариявӣ ва унсурҳои амалӣ ё сохтории консепсия ба дараҷаи кофӣ мушаххас карда нашудааст. Дар натиҷа, пешниҳод гарчанде аҳаммияти назариявӣ дошта бошад ҳам, барои баланд бардоштани сатҳи илмии он зарурати таҳлили амиқтари асосҳои методологӣ, муайян намудани самтҳои мушаххаси такмил ва асосноккунии возеҳи тағйироти пешниҳодшаванда ба назар мерасад.

2. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ масъалаи таъсири принсипҳо ва меъёрҳои эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ, инчунин санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ташаккул ва рушди институти ҷавобгарии ҷиноятӣ, ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба таври маҳдуд мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Аз ҷумла, масъалаҳои вобаста ба татбиқи меъёрҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, риояи принсипҳои қонуният, инсондӯстӣ ва адолат ҳангоми татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ, инчунин таъсири онҳо ба такмили қонунгузории миллӣ ба таври кофӣ таҳлил нагардидаанд. Ҳол он ки омӯзиши таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ ва муқоисаи меъёрҳои байналмилалӣ бо қонунгузории миллӣ метавонист барои ошкор намудани мушкилоти мавҷудаи танзими ҳуқуқӣ, муайян намудани роҳҳои такмили қонунгузорӣ ва таҳияи пешниҳодҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок мусоидат намояд. Илова бар ин, таҳлили муқоисавӣ имконият медод, ки мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ягонасозии қонунгузории миллӣ бо стандартҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон ба таври мушаххастар арзёбӣ гардад.

3. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсие, ки ба ташаккул, рушд ва такмили институти ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ таъсири бевосита мерасонанд, ба таври кофӣ ва ҳамаҷониба таҳлил нагардидаанд. Аз ҷумла, муаллиф масъалаҳои вобаста ба таъсири сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии ҷомеа, вазъи ҷинояткорӣ, сиёсати давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ, равандҳои ҷаҳонишавӣ ва ислоҳоти ҳуқуқиро ба мазмун ва механизми татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба таври маҳдуд мавриди омӯзиш қарор додааст. Ҳол он ки таҳқиқи амиқи ин омилҳо имконият медод, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ на танҳо ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ, балки ҳамчун институти иҷтимоӣ ва воситаи танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ арзёбӣ гардад. Илова бар ин, таҳлили таъсири омилҳои сиёсиву ҳуқуқӣ ба самтҳои рушди сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ

метавонист барои муайян намудани ҷойгоҳ ва нақши ҷавобгарии ҷиноятӣ дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалии бештар дошта бошад.

Эрод ва камбудиҳои ишорашуда ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсир намерасонанд ва арзиши илмии онро коста намегардонанд.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраршуда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулосаи диссертатсияи Шодизода Наҷибулло Маҳмадризо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ: таҳқиқоти умуминазариявӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат сазовор мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқарраротӣ бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Диссертатсия ва автореферат дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар ҷаласаи семинари илмӣ-назариявӣ иштирок доштанд: 22 нафар. Тарафдор – 22 нафар, зид – 0 нафар ва бетараф – 0 нафар. Суратҷаласаи семинари илмӣ-назариявӣ аз 30-юми майи соли 2026, №5.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Кенҷазода Шуҳрат Юсуф, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон омода карда шуда, дар маҷлиси

ғайринавбатии кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ шудааст. Дар маҷлис иштирок доштанд: 18 нафар. Тарафдор – 18 нафар, зид – 0 нафар ва бетараф – 0 нафар. Суратҷаласаи кафедра аз 30-юми майи соли 2026, №9/3.

**Раиси семинари илмӣ-назариявӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент, мудири
кафедраи назария ва таърихи давлат ва
ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Қодирзода М.А.

**Ташхисгар:** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент, дотсенти кафедраи назария ва
таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети
ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии
ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Кенҷазода Ш.Ю.

**Котиби ҷаласа:** ассистенти
кафедраи назария ва таърихи давлат ва
ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Каримзода К.М.

Имзоҳои Кенҷазода Ш.Ю., Қодирзода М.А. ва
Каримзода К.М.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Бобоев А.Х.
30.05.2026

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, 735700, шаҳри Хуҷанд, микроноҳияи 17, бинои 1,
Тел:+992 (3422) 2-38-11; Факс:+992 (3422) 2-51-70.
Веб сайт: www.tsulbp.tj. Email: tsulbp@rambler.ru